# 42237 - Ҳадаф аз вуҷуди ҳайвоноту наботот дар рӯи замин чист?

## савол

Ҳадаф аз вуҷуди ҳайвоноту наботот дар рӯи замин чист?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бояд донист, ки Аллоҳ таъоло инсонро барои ибодати худ офаридааст, чунон ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

سورة الذاريات: ٥٦

«**Ман ҷинну инсро наёфаридаам, магар барои он ки Маро ибодат бикунанд**». (Сураи Зориёт: 56).

Аллоҳ таъоло ҳар чизеро, ки дар осмонҳову замин аст, барои инсон офарид ва онҳоро барои ӯ ром кард, то аз онҳо фоидаву баҳра барад, ниёзҳои худро баровардa созад ва барои ибодати Аллоҳ таъоло аз онҳо истифода бикунад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً﴾

سورة البقرة: ٢٩

«**Ӯ зотест, ки ҳамаи чизҳоеро, ки дар замин аст, бароятон офарид**». (Сураи Бақара: 29).

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿أَلَمْ تَرَوْا أَنَّ اللَّهَ سَخَّرَ لَكُمْ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ وَأَسْبَغَ عَلَيْكُمْ نِعَمَهُ ظَاهِرَةً وَبَاطِنَةً﴾

سورة لقمان: ٢٠

**«Оё надидаед, ки Аллоҳ он чиро, ки дар осмонҳову замин аст, бароятон ром гардонид ва неъматҳои ошкору пинҳони худро бар шумо ато кард?»** (Сураи Луқмон: 20).

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَسَخَّرَ لَكُمْ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ جَمِيعًا مِنْهُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ﴾

سورة الجاثية: ١٣

**«Он чи, ки дар осмонҳову замин аст, ҳамаро аз (лутфу офариниши) худ бароятон ром гардонид. Ҳароина дар ин (амр) барои гурӯҳе, ки андеша мекунанд, нишонаҳоест»**. (Сураи Ҷосия: 13).

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَسَخَّرَ لَكُمُ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ دَائِبَيْنِ وَسَخَّرَ لَكُمُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ﴾

سورة إبراهيم: ٣٣

**«Ва офтобу моҳро, ки пайваста дар ҳаракатанд, барои шумо ром кард ва шабу рӯзро (низ) бароятон ром гардонид»**. (Сураи Иброҳим: 33).

**Баъзе аз ҳикматҳову ҳадафҳои вуҷуди ҳайвоноту наботот дар рӯи замин инҳоянд:**

Набототу растаниҳо ғизои инсонҳову ҳайвонот мебошанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّمَا مَثَلُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا كَمَاءٍ أَنْزَلْنَاهُ مِنَ السَّمَاءِ فَاخْتَلَطَ بِهِ نَبَاتُ الأَرْضِ مِمَّا يَأْكُلُ النَّاسُ وَالأَنْعَامُ﴾

سورة يونس: ٢٤

**«Масали зиндагии дунё ҳамонанди обест, ки аз осмон фурӯ рехтем ва бар асари он гиёҳони замин, ки инсонҳову чаҳорпоён аз онҳо мехӯранд, ба ҳам меомезанд»**. (Сураи Юнус: 24).

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿فَلْيَنْظُرْ الإِنسَانُ إِلَى طَعَامِهِ ۞ أَنَّا صَبَبْنَا الْمَاءَ صَبًّا ۞ ثُمَّ شَقَقْنَا الأَرْضَ شَقًّا ۞ فَأَنْبَتْنَا فِيهَا حَبًّا ۞ وَعِنَبًا وَقَضْبًا ۞ وَزَيْتُونًا وَنَخْلًا ۞ وَحَدَائِقَ غُلْبًا ۞ وَفَاكِهَةً وَأَبًّا ۞ مَتَاعًا لَكُمْ وَلأَنْعَامِكُمْ﴾.

سورة عبس: ٢٤-٣٢

**«Инсон бояд ба ғизои худ бингарад. Мо обро ба фаровонӣ фурӯ рехтем. Сипас заминро ба некӣ шикофтем. Он гоҳ дар он донаҳо рӯёнидем. Ва ангуру сабзавот. Ва дарахтони зайтуну хурмо. Ва боғҳои пурдарахт. Ва меваю алаф. Барои баҳрамандии шумо ва чаҳорпоёнатон»**. (Сураи Абаса: 24 - 32).

Наботот несту нобудшавии дунёро ба мардум ёдрас мекунад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّمَا مَثَلُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا كَمَاءٍ أَنْزَلْنَاهُ مِنَ السَّمَاءِ فَاخْتَلَطَ بِهِ نَبَاتُ الأَرْضِ مِمَّا يَأْكُلُ النَّاسُ وَالأَنْعَامُ حَتَّى إِذَا أَخَذَتِ الأَرْضُ زُخْرُفَهَا وَازَّيَّنَتْ وَظَنَّ أَهْلُهَا أَنَّهُمْ قَادِرُونَ عَلَيْهَا أَتَاهَا أَمْرُنَا لَيْلاً أَوْ نَهَاراً فَجَعَلْنَاهَا حَصِيداً كَأَنْ لَمْ تَغْنَ بِالأَمْسِ كَذَلِكَ نُفَصِّلُ الآيَاتِ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ﴾.

سورة يونس: ٢٤

**«Масали зиндагии дунё ҳамонанди обест, ки аз осмон фурӯ рехтем ва бар асари он гиёҳони замин, ки инсонҳову чаҳорпоён аз онҳо мехӯранд, ба ҳам меомезанд, то он гоҳ ки замин пирояи худро баргирифт ва ороста шуд ва сокинонаш гумон бурданд, ки ба (баҳрагирӣ аз) он тавоно ҳастанд, фармони Мо дар шаб ё рӯз ба он даррасад ва онро (чун кишти) дарав шуда гардонидем, ки гӯё дирӯз ҳеҷ набудааст. Мо нишонаҳо (-и худ)-ро барои мардуме, ки меандешанд, инчунин ба равшанӣ баён мекунем»**. (Сураи Юнус: 24).

Аллоҳ таъоло бар зинда гардонидан ва берун овардани мурдагон аз қабрҳояшон зинда кардани замин пас аз маргашро ба мардум мисол овардааст, чунон ки онҳо онро мушоҳида мекунанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَمِنْ آيَاتِهِ أَنَّكَ تَرَى الْأَرْضَ خَاشِعَةً فَإِذَا أَنْزَلْنَا عَلَيْهَا الْمَاءَ اهْتَزَّتْ وَرَبَتْ إِنَّ الَّذِي أَحْيَاهَا لَمُحْيِي الْمَوْتَى إِنَّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾

سورة فصلت: ٣٩

«**Ва (яке) аз нишонаҳои Ӯ ин аст, ки ту заминро хушк мебинӣ. Чун об бар он фурӯ фиристем, ба ҷунбиш дарояд ва бирӯёнад. Он зоте, ки онро зинда мекунад, яқинан мурдагонро низ зинда хоҳад кард. Бешак Ӯ бар ҳар чизе тавоност**». (Сураи Фуссилат: 39).

Инсон аз гиёҳҳову растаниҳо доруҳо истихроҷ мекунанд, ки яке аз беҳтарини онҳо сиёҳдона мебошад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар бораи он мефармояд:

«**Сиёҳдона ба тамоми бемориҳо шифо аст, ба ҷуз сом, ки он марг аст**». Ривояти Бухорӣ (5687).

Асал, ки аз гарди гул гирифта мешавад. Аллоҳ таъоло дар мавриди он мефармояд:

﴿فِيهِ شِفَاءٌ لِلنَّاسِ﴾

سورة النحل: ٦٩

«**Дар он барои мардумон шифо аст**». (Сураи Наҳл: 69).

Ҳайвонот ғизои инсон мебошанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَالْأَنْعَامَ خَلَقَهَا لَكُمْ فِيهَا دِفْءٌ وَمَنَافِعُ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ﴾

سورة النحل: ٥

«**Ва чаҳорпоёнро бароятон офарид, ки дар онҳо пӯшиш (-и гарм) ва фоидаҳои дигаре аст. Ва аз (гӯшти) онҳо мехӯред**». (Сураи Наҳл: 5).

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَهُوَ الَّذِي سَخَّرَ الْبَحْرَ لِتَأْكُلُوا مِنْهُ لَحماً طَرِيّاً وَتَسْتَخْرِجُوا مِنْهُ حِلْيَةً تَلْبَسُونَهَا وَتَرَى الْفُلْكَ مَوَاخِرَ فِيهِ وَلِتَبْتَغُوا مِن فَضْلِهِ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ﴾

سورة النحل: ١٤

«**Ӯст, ки дарёро ром кард, то аз он гӯшти тоза бихӯред ва аз он зеварҳое берун оред, ки мепӯшед ва киштиҳоро дар он мебинӣ, ки дарёро мешикофанд, то аз фазли Ӯ биҷӯед ва бошад, ки сипос гузоред**». (Сураи Наҳл: 14).

Ҳайвонот василаи нақлиёт ва ороиш мебошанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَالْخَيْلَ وَالْبِغَالَ وَالْحَمِيرَ لِتَرْكَبُوهَا وَزِينَةً وَيَخْلُقُ مَا لا تَعْلَمُونَ﴾

سورة النحل: ٨

«**Ва аспону хачирон ва харонро (офарид) то бар онҳо савор шавед ва зинате бошанд. Ва чизҳое меофаринад, ки намедонед**». (Сураи Наҳл: 8).

Инсон аз (пашму пӯсти) ҳайвонот хаймаҳое, ки дар он зиндагӣ мекунад ва либосҳое, ки мепӯшад, месозад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَاللهُ جَعَلَ لَكُم مِنْ بُيُوتِكُمْ سَكَناً وَجَعَلَ لَكُمْ مِنْ جُلُودِ الأَنْعَامِ بُيُوتاً تَسْتَخِفُّونَهَا يَوْمَ ظَعْنِكُمْ وَيَوْمَ إِقَامَتِكُمْ وَمِنْ أَصْوَافِهَا وَأَوْبَارِهَا وَأَشْعَارِهَا أَثَاثاً وَمَتَاعاً إِلَى حِينٍ﴾

سورة النحل: ٨٠

«**Аллоҳ хонаҳоятонро ҷои оромишатон қарор дод ва аз пӯсти чаҳорпоён бароятон хонаҳое (хаймаҳое) сохт, ки онро дар рӯзи сафаратон ва дар рӯзи**

**иқомататон сабук меёбед. Ва аз пашму курку мӯяшон то муддати муайяне асоси хона ва асбоб (ва васоили зиндагӣ) фароҳам кард»**. (Сураи Наҳл: 80).

Аспҳо то рӯзи қиёмат василаи ҷиҳоданд. Мусулмонон бар онҳо савор шуда меҷангаанду пирӯз мешаванд, ғанимат ба даст меоранд ва савоб мегиранд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ وَمِنْ رِبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللهِ وَعَدُوَّكُمْ وَآخَرِينَ مِنْ دُونِهِمْ لا تَعْلَمُونَهُمُ اللهُ يَعْلَمُهُمْ﴾.

سورة الأنفال: ٦٠

**«Ва (эй мӯъминон) ҳарчи дар тавон доред, аз нерӯ ва аспони муҳайёшуда барои (муқобала бо) онон омода созед, то бо он душмани Аллоҳ ва душмани худ ва (душманони) дигареро ғайр аз инон, ки шумо онҳоро намешиносед ва Аллоҳ ононро мешиносад, битарсонед»**. (Сураи Анфол: 60).

Бухорӣ (2852) ва Муслим (1873) аз Урва Бориқӣ ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Хайру некӣ, ки ҳамон подошу ғанимат бошад, то рӯзи қиёмат ба пешонии аспон баста шудааст»**.

Ин аст баъзе манфиатҳои ҳайвоноту наботот. Ғайр аз инҳо боз ҳикматҳову манфиатҳои зиёде доранд, ки онҳоро ба ҷуз Аллоҳ таъоло каси дигаре намедонад.

Аллоҳ таъоло донотар аст.